# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикии синфҳои 8-9 ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3. – Педагогика (5.3.5.3. - Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик**

Диссертатсияи Раҳимова М.А. ба яке аз масъалаҳои муҳимми методикаи таълими забони тоҷикӣ — роҳҳои инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8–9 дар заминаи истифодаи осори пандомӯзи классикон бахшида шудааст. Аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуи мазкур дар он аст, ки забони тоҷикӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ мақоми асосӣ дошта, сатҳи азхудкунии он ба ташаккули тафаккур, фарҳанги нутқ, қобилияти баён ва муваффақияти хонандагон дар омӯзиши дигар фанҳо таъсири бевосита мерасонад.

Муаллиф дар рисола кӯшиш намудааст, ки масъалаи таълими синтаксисро ҳамчун воситаи муҳимми инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ташаккули салоҳиятҳои забонӣ, иртиботӣ ва тарбияи ахлоқии хонандагон мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Аз ин нуқтаи назар, кор бо осори классикон, махсусан панду андарзҳои шоирону мутафаккирони гузашта, дар таҳқиқот ҳамчун заминаи муассири таълимӣ, тарбиявӣ ва маърифатӣ арзёбӣ шудааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар он масъалаҳои назариявӣ ва амалии таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои 8–9 таҳлил гардидаанд. Дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф роҳу усулҳои истифодаи маводи адабӣ, шарҳу тафсири абёти пандомӯз, омӯзиши сохтори наҳвии ҷумлаҳои сода ва мураккаб, инчунин таъсири ин раванд ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагон қарор гирифтааст.

Аҳамияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки диссертант масъалаи ҳамгироии таълими забон ва адабиётро ба таври мақсаднок баррасӣ намуда, нишон додааст, ки истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ

CamScanner yordamida skanerlangan

метавонад омӯзиши синтаксисро пурмазмун, шавқовар ва аз ҷиҳати тарбиявӣ муассир гардонад. Чунин муносибат ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар баробари азхудкунии қоидаҳои грамматикӣ, маънои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва маънавии матнҳои адабиро низ дарк намоянд.

Ҳадафи асосии таҳқиқот аз муайян намудани роҳҳои самараноки инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон, рушди малакаҳои баёни муроттаб, такмили фарҳанги сухан ва таҳкими салоҳиятҳои забониву иртиботӣ иборат аст. Барои расидан ба ин ҳадаф муаллиф масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии истифодаи осори пандомузи классиконро дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ мавриди омузиш қарор додааст.

Дар рисола масъалаҳои ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон, ташаккули одоби муошират, рушди тафаккури мантиқӣ, тарбияи маънавию ахлоқӣ ва баланд бардоштани завқи адабӣ ба таври пайваста таҳлил шудаанд. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки матнҳои классикӣ танҳо маводи адабӣ нестанд, балки воситаи муассири омузиши забон, фарҳанги нутқ, тарбияи ахлоқӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва инкишофи нутқи хонандагон ба шумор мераванд.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот ба натиҷае мерасад, ки кор бо панду андарзҳои классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба ташаккули ҳисси худшиносӣ, ватандӯстӣ, зебоишиносӣ, забондонӣ ва фарҳанги маънавии хонандагон мусоидат мекунад. Ин хулоса аз нигоҳи таълими муосир арзишманд аст, зеро дар шароити имрӯз омӯзиши забон набояд танҳо бо азёдкунии қоидаҳо маҳдуд шавад, балки ба рушди шахсият, тафаккур ва нутқи фаъолонаи хонанда равона гардад.

Қисмати амалии диссертатсия низ қобили таваҷҷуҳ аст. Дар он намунаҳои методҳои таълими босамари синтаксис, низоми машқҳо, супоришҳои таълимӣ, шаклҳои кор бо матн, намунаҳои таҳлили синтаксисӣ ва роҳҳои истифодаи абёти классикон дар синфҳои 8–9 пешниҳод шудаанд. Маводи мазкур метавонад барои омӯзгорони забони тоҷикӣ дар ташкили

CamScanner yordamida skanerlangan

дарсҳои шавқовар, мақсаднок ва натиҷабахш ҳамчун дастури амалӣ хизмат намояд.

Бартарии дигари таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф масъалаи инкишофи нутқи мураттабро дар пайванди мустақим бо омӯзиши синтаксис баррасӣ мекунад. Ин равиш аз лиҳози методӣ дуруст аст, зеро маҳз донистани сохтори ҷумла, робитаи калимаҳо, тарзи ифодаи фикр ва пайдарҳамии мантиқии ҷумлаҳо барои ташаккули нутқи равон ва мураттаб замина фароҳам меорад.

Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодкардаи Раҳимова М.А. дар матни диссертатсия ва автореферати он инъикос ёфта, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд. Онҳо метавонанд дар таҷрибаи таълими забони тоҷикӣ, таҳияи дастурҳои методӣ, барномаҳои таълимӣ ва такмили фаъолияти омӯзгорон истифода шаванд.

Диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқот фаъолияти назарраси илмӣ анҷом дода, 24 мақола ба нашр расонидааст. Аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақолаҳои дигар дар маҷмуаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот мавриди муаррифӣ ва баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда, дар рисола баъзе камбудиҳои ҷузъии имлоӣ, услубӣ ва таҳрирӣ ба назар мерасанд. Ҳамчунин дар баъзе мавридҳо такрори андешаҳо эҳсос мешавад. Бо вуҷуди ин, камбудиҳои мазкур хусусияти ҷиддӣ надошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд. Ислоҳи онҳо метавонад ба такмили минбаъдаи сифати рисола мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, рисолаи номзадии Раҳимова М.А. таҳти мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8–9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” таҳқиқоти анҷомёфта, муҳим ва дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад.

CamScanner yordamida skanerlangan

Муаллиф тавонистааст масъалаи мубрами таълими забони тоҷикӣ ва рушди нутқи хонандагонро аз мавқеи илмӣ-методӣ баррасӣ намуда, барои ҳалли он тавсияҳои мушаххас пешниҳод кунад.

Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун, сатҳи таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва арзиши амалӣ ба талаботи муқарраргардида барои корҳои илмӣ мувофиқат намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3 — Педагогика, 5.3.5.3 — Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ қобили қабул ва муаллифи он – Раҳимова М.А. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад .

Муқарриз:

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY TA'LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI BUXORO DAVLAT UNIVERSITETI FILOLOGIYA FAKULTETI

Дилором Йӯлдошева
Профессори кафедраи филологияи Донишгоҳи байналмилалии Бухоро, доктори (DSc) аз рӯйи илмҳои педагогӣ